*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 120 (4540) | ЧОРШАНБЕ, 28 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## ИФТИТОҲИ ИНШООТИ НАВ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ АЗ ҶОНИБИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

**27 сентябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар шаҳри Душанбе бинои нави маъмурӣ ва таълимии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзодаро ифтитоҳ карданд.**



Он аз се бинои панҷошёна ва таҳхона иборат буда, барои 1500 нафар донишҷӯ дар як баст пешбинӣ шудааст. Бинои нав дорои 41 синфхона, чор толори машғулиятҳои назариявӣ барои 140 нафар, маҷлисгоҳ бо 120 ҷои нишаст, китобхонаи электронӣ, китобхона бо адабиёти таълимӣ ва забономӯзӣ, 47 ҳуҷраи кории устодон ва таҳхона барои бойгонӣ мебошад. Толори варзишии донишкада низ аз таъмири асосӣ бароварда шудааст.

Дар донишкада ду синфхонаи лингофонӣ, нуҳ синфхонаи компютерӣ муҷаҳҳаз бо технологияи муосир, китобхонаи электронӣ бо 50 ҷои нишаст, толори фарҳангӣ бо 235 ҷой мавҷуд буда, раванди таълим пурра бо истифода аз тахтаҳои электронӣ ва проекторҳо сурат мегирад. Ҳоло дар донишкада 404 компютер ба шабакаи ҷаҳонии интернет пайваст буда, барои истифодаи ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён дастрас мебошад.

Биноҳои нав бо тарҳи зебову замонавӣ ва мувофиқ ба стандарти байналмилалии таълим бунёд шуда, бо ашёи зарурии илмомӯзӣ муҷаҳҳаз аст.

Президенти мамлакат бо шароити муосири донишомӯзӣ дар донишкада шинос шуда, ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд доданд. Бояд гуфт, ки Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода соли 1979 ҳамчун Донишкадаи омӯзгории забон ва адабиёти руси Тоҷикистон таъсис ёфт.

Бори аввал ба донишкада донишҷӯён соли 1980 қабул гардиданд, ки шумораи онҳо 525 нафарро ташкил медод. Бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ шумораи донишҷӯён рӯз аз рӯз боло рафта, айни ҳол ба 5100 нафар расидааст. Ин шумора нисбат ба солҳои аввали таъсисёбӣ даҳ баробар афзудааст.

Дар донишкада солҳои аввали фаъолият мутахассисон танҳо дар самти ихтисосҳои факултети филологияи рус омода мегардиданд. Баъдтар, солҳои 2000-ум дар доираи се факултет - филологияи рус, забонҳои Шарқ ва забонҳои романию германӣ ва даҳсолаи охир дар доираи 5 факултети зерин - филологияи тоҷик, филологияи рус, забони англисӣ, забонҳои Осиё, забонҳои Аврупо, шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ ва 31 ихтисос мутахассисон аз рӯи 11 забон дар самтҳои омӯзгорӣ, тарҷумонӣ ва забоншиносӣ дар зинаи бакалавриат омода карда мешаванд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ 12 ҳазору 217 донишҷӯ донишкадаро бо ихтисоси омӯзгорӣ, тарҷумонӣ ва забоншиносӣ хатм карданд.

Дар донишкада 434 нафар фаъолият менамоянд, ки аксари онҳоро ҳайати роҳбарикунанда ва профессорону омӯзгорони асосӣ ташкил медиҳанд. Аз шумораи умумии кормандону омӯзгорони асосии донишкада 80 нафарашон устодони дорои дараҷаи илмӣ, 10 нафар доктори илм ва 70 нафар номзади илм мебошанд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**



## НОМАИ ҲАМДАРДӢ

**27 сентябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин номаи ҳамдардӣ ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

**«Муҳтарам Владимир Владимирович!**

Хабари фоҷеабори ҳамлаи ғайриинсонии мусаллаҳонаро дар яке аз мактабҳои шаҳри Ижевск, ки муҷиби ба ҳалокат расидан ва ҷароҳати вазнин бардоштани даҳҳо нафар кӯдакон ва шаҳрвандони болиғи Федератсияи Россия гардид, бо андуҳи амиқ дарёфтам.

Ба Шумо ва пайвандону наздикони фавтидагон таъзияву тасаллиёти самимии ин ҷонибро изҳор менамоям. Хоҳони шифои оҷили ҳамаи осебдидагон ҳастем».

## ҚАРОРИ КОМИССИЯИ МАРКАЗИИ ИНТИХОБОТ ВА РАЪЙПУРСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи тибқи рӯйхати номзадҳо аз Ҳизбиислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон додани мандати вакилӣ ба номзад Ализода Зафари Аҳмадҷон**

Мувофиқи моддаи 57 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 майи соли 2021, №394 Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Бинобар пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзулло Машраб Қурбоналӣ тибқи рӯйхати номзадҳои интихобгардида аз Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон мандати вакилӣ ба номзад Ализода Зафари Аҳмадҷон дода шавад.
2. Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ализода Зафари Аҳмадҷон ба қайд гирифта шуда, ваколатҳояш тасдиқ карда шавад.
3. Шаҳодатномаи вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқарраргардида ба Ализода Зафари Аҳмадҷон дода шавад.

**Раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Б. ХУДОЁРЗОДА**
**Котиби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Н. САМАДЗОДА**
**ш. Душанбе, 26 сентябри соли 2022, № 180**

**27 сентябри соли 2022 дар Ҷумҳурии Халқии Хитой бахшида ба дӯстии халқҳои Чин ва Осиёи Марказӣ форуми байналмилалӣ баргузор гардид, ки дар он муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ тариқи фосилавӣ иштирок ва суханронӣ намуд.**

## ИШТИРОКИ ДИЛРАБО МАНСУРӢ ДАР ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ



Номбурда, аз ҷумла иброз дошт, ки таҳкими дӯстии анъанавӣ ва дастгирии ҳамдигар, рушди муносибатҳои ҳамкорӣ дар самтҳои гуногун, андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати тавсеаи тиҷорат ва афзоиши ҳаҷми муомилоти мол, инчунин фароҳам овардани шароити зарурӣ барои сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои иқтисодии мутақобилан судманди минтақавӣ, хоса дар заминаи ташаббуси «Як камарбанд, як роҳ» аз вазифаҳои асосӣ мебошанд.

- Мо бар ин назарем, ки ҳамкории ҷонибҳоро дар самти тағйири иқлим фаъол созем ва таъсири манфии пайомадҳои онро ба иқтисоди кишварҳои минтақа рафъ намоям, - афзуд Дилрабо Мансурӣ.

Зикр шуд, ки дар оғози соли равон Тоҷикистон ва Чин 30-юмин солгарди барқарории муносибатҳои дипломатиро таҷлил карданд, ки дар ташаккул ва рушди он хизмати сарони ҳар ду давлат бузург аст.

Ёдовар мешавем, ки форуми зикршуда дар пасманзари 30-юмин солгарди барқарорсозии муносибатҳои дипломатӣ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Чин доир гардид.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## БАРОИ ОМӮЗОНИДАНИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ БОЯД АЗ ҲАМА ИМКОНИЯТ ИСТИФОДА КАРДА ШАВАД

**Суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

**шаҳри Душанбе, 27 сентябри соли 2022**





**Омӯзгорони муҳтарам ва донишҷӯёни азиз!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҳамаи шуморо ба муносибати ифтитоҳи биноҳои нави таълимии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода самимона табрик мегӯям.

Чун мулоқоти мо дар Донишкадаи давлатии забонҳо доир мегардад, дар ибтидо зарур мешуморам, ки баъзе андешаҳои худро доир ба мақому манзалати забони давлатӣ, яъне забони тоҷикӣ ва вазъи иҷрои Қонуни забон ба таври мухтасар баён намоям.

Забони ширину шевои тоҷикӣ муҳимтарин унсури ҳастӣ ва бақои умри миллати куҳанбунёди мо мебошад, ки дар даврони истиқлол ва дар марҳалаи бунёди давлатдории миллӣ рисолати миллатсозиву давлатсозии худро бо рангу ҷилои тоза идома бахшида истодааст.

Маҳз ҳамин забони ноби модарӣ халқи моро дар тӯли зиёда аз панҷуним ҳазор сол бар зидди тамоми бадбахтиҳову тохтутози аҷнабиён муттаҳиду сарҷамъ нигоҳ доштааст ва ба миллати тоҷик умри ҷовидонӣ бахшидааст.

Забони мо, яъне забони шоиронаву зебои тоҷикӣ бузургтарин ва гаронбаҳотарин дороиву сарвати мо, ифтихори мо ва рӯи сурху сари баланди мо - тоҷикон - яке аз миллатҳои қадимтарини дунё мебошад.

Сездаҳ сол пеш, яъне 5-уми октябри соли 2009 бо дарназардошти воқеияти замони соҳибистиқлолӣ ва давлатдории миллӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» қабул карда шуд. Ин санаи муҳим Рӯзи забони давлатӣ эълон гардид ва ҳар сол аз ҷониби соҳибзабонон, яъне мардуми шарифи Тоҷикистон таҷлил карда мешавад.

Бо истифода аз фурсати муносиб, ҳамаи ҳамватанони азиз ва шумо - ҳозирини муҳтарамро ба ифтихори Рӯзи забони давлатӣ, ки то таҷлили он рӯзҳои башумор мондааст, самимона табрик мегӯям.

Қобили зикр аст, ки масъалаи забони давлатӣ ва тақвияту таҳкими мақоми он дар таърихи давлатдории навини мо ҳамеша яке аз масъалаҳои муҳимтарин ва аввалиндараҷа ба ҳисоб рафта, имрӯз низ пайваста дар маркази диққати Давлату Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Яъне, забони давлатӣ дар Тоҷикистон зери ҳимояву пуштибонии мустақими давлат қарор дошта, барои рушду пешрафти он дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи кишвар ҳамаи шароиту имкониятҳо фароҳам оварда шудаанд.

Дар ин раванд, давра ба давра барномаҳои рушди забони давлатӣ таҳия, тасвиб ва амалӣ карда мешаванд. Аз ҷумла «Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 - 2030», ки 29-уми ноябри соли 2020 қабул гардид, дурнамои рушди забони моро барои даҳ соли оянда дар бар гирифта, ба татбиқи муваффақонаи қонуни забон равона шудааст.

Ба сифати омили ҳастӣ ва бақои миллат нигоҳ доштани асолат ва ҳувияти забони тоҷикӣ ҳадафу вазифаи барномаи мазкур дар замони муосир мебошад. Дар робита ба ин, хотиррасон менамоям, ки ғамхориву пуштибонии доимӣ нисбат ба забони давлатӣ вазифаи ҳар як фарди бонангу номуси миллат, яъне соҳибони забон мебошад.

Зеро рушди пайваста ва ҳамаҷонибаи он дар мақоми забони миллӣ ва забони давлатӣ муҳимтарин нишонаи пойдории давлатдории миллӣ ва Истиқлолияти давлативу сиёсии мо дар рӯзгори пурошӯби имрӯзаи ҷаҳон ба ҳисоб меравад.

Як нуктаи дигари муҳимро хотиррасон менамоям, ки забони тоҷикӣ дар раванди ташаккулу таҳаввули худ роҳи ниҳоят душвору пурпечутоберо тай намуда, аз санҷишу имтиҳонҳои сахти таърих гузаштааст ва имрӯз, ки мо дар масири бунёду таҳкими давлатдории миллӣ пеш меравем, рисолати худро ба сифати василаи ваҳдатсоз ва муттаҳидкунандаи мардуми Тоҷикистон муваффақона идома дода истодааст.

Боиси ифтихор ва фараҳмандии зиёди мо - ворисони ин забон ва мероси бузурги бо он навишташуда аст, ки ин забон то ба имрӯз ба шарофати хизматҳои бузург, заҳматҳои бедареғ ва корнамоиҳои беназири фарзандони фарзонаву барҷастаи миллати тоҷик - аз Куруши Кабиру Исмоили Сомонӣ ва устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ то Бобоҷон Ғафурову устод Садриддин Айнӣ ба ҳамон шакли асилу ноб, бо ганҷинаи ғаниву рангини вожаву истилоҳот ва таъбиру таркиботи дилнишину зебо боқӣ мондааст.

Воқеан, ҳамин забон аст, ки миллати тоҷик дар тӯли ҳазорсолаҳо таъриху фарҳанги камназири худро тавассути он навишта ва ба ҷаҳониён муаррифӣ кардааст.

Дигар ин, ки забон ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, дар ҳақиқат, оинаи рӯзгор, расму оин, суннату анъана ва донишу фарҳанги гузаштагон барои наслҳои имрӯза мебошад. Маҳз ба ҳамин далел забон дар раванди барпо кардани давлати миллӣ ҳамчун унсури аввалия ва рукни бунёдии давлатдорӣ нақши ниҳоят муҳим ва сарнавиштсоз дорад.

Аз ин рӯ, беэътиборӣ ё беэҳтиромӣ нисбат ба забон қотеътарин далели надоштан ё гум кардани ҳисси миллӣ мебошад. Бинобар ин, яке аз вазифаҳои муҳимтарини ҷомеаи Тоҷикистон - аз хурд то бузург, равшанфикрону донишмандон, инчунин, дастгоҳи давлативу ҳукуматӣ ҳифз кардани забони бостонии зебову шево ва ширину шоиронаи тоҷикӣ, тозаву ноб ва поку беолоиш ба наслҳои оянда расонидани он аст.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

(Идома аз саҳ. 1)

Мо бояд шукрона кунем, ки Истиқлолияти давлатӣ барои ҷилову дурахши дигарбораи яке аз муқаддасоти миллии мо - забони тоҷикӣ, рушду такомул ва истифодаи он дар ҳамаи соҳаҳо заминаи созгор ва имкониятҳои фаровон муҳайё намуд.

Забони тоҷикӣ дар мақоми расмиву давлатии худ имрӯз на танҳо дар коргузорӣ, илм ва муоширати дохилӣ, балки дар робитаҳои байналмилалии мо низ васеъ истифода мегардад.

**Устодон ва шогирдони муҳтарам!**

Ҳукумати мамлакат дар замони соҳибистиқлолӣ ба хотири таъмин намудани шароити мусоиди таълиму тарбия ва зиндагии шоистаи наврасону ҷавонон - насли ояндасози миллат ва Ватани азизамон - Тоҷикистон тамоми тадбирҳои зарурии амалӣ гардонида, ин равандро бомаром идома дода истодааст.

Бунёд кардану ба истифода додани биноҳои нави таълимии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода бо 1500 ҷои нишаст барои омода намудани мутахассисони донандаи забонҳои хориҷӣ далели возеҳи дастгирии Ҳукумати мамлакат мебошад.

Иншооти навбунёди имрӯза имконият медиҳад, ки шумораи донишҷӯёни донишкада ба 7000 нафар расонида шавад.

Ҳоло дар донишкада бо 11 забон (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, хитойӣ, куриёӣ, ҷопонӣ, ҳиндӣ, арабӣ ва форсӣ) аз рӯи 41 ихтисоси ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат мутахассис тайёр карда мешавад. Дар донишкада зиёда аз 500 нафар омӯзгорони соҳибтаҷриба, аз ҷумла шаҳрвандони 21 кишвари хориҷӣ фаъолият менамоянд, ки 80 нафари онҳо дорои унвони илмӣ мебошанд. Аз давраи таъсисёбии донишкада, яъне аз соли 1979 то имрӯз 14 ҳазору 200 нафар мутахассис омода карда шудааст, ки 77 фоизи онҳоро мутахассисони равияи омӯзгорӣ ташкил медиҳанд.

Қобили зикр аст, ки ҳоло хатмкардагони донишкада дар ҳама гӯшаву канори мамлакат

Ҳамчунин, бо мақсади фароҳам овардани дастрасии мардум ба адабиёти ҷаҳон, бахусус, адабиёти илмӣ, инчунин, бо забонҳои хориҷӣ тавассути асарҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва бадеии олимону эҷодкорони кишвар муаррифӣ кардани таъриху фарҳанги миллати куҳанбунёду тамаддунсози тоҷик зарурати таъсиси маркази алоҳидаи тарҷума ва баргардони асари илмиву бадеӣ ба миён омадааст.

Ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки масъалаи таъсиси Маркази миллии тарҷумаи назди Ҳукумати Тоҷикистонро баррасӣ карда, дар муҳлати се моҳ санадҳои меъёрии ҳуқуқии зарурии таҳия ва тасдиқ намояд.

Ҳукумати мамлакат ҳанӯз аз нахустин солҳои соҳибистиқлолӣ масъалаи таълими забонҳои хориҷиро таҳти таваҷҷуҳи хоса қарор дода, ҷиҳати такмили омӯзиши забонҳои хориҷӣ барои чанд марҳила барномаҳои давлатӣ қабул намуд.

Ҳоло татбиқи «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ барои давраи то соли 2030», ки иҷрои он аз моҳи январи соли 2021 шурӯъ гардидааст, идома дорад.

Имрӯз дар муассисаҳои таълимии кишвар 22 439 омӯзгорони забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла 21 130 нафар дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 506 нафар дар зинаи миёнаи касбӣ ва 803 нафар дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фаъолият доранд.

Соли ҷорӣ факултетҳои забонҳои хориҷии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварро қариб 2 900 нафар хатм намудаанд, ки 550 нафари онҳо дастпарварони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мебошанд. Ҳоло дар факултетҳои забонҳои хориҷии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар 10 200 нафар донишҷӯён таҳсил доранд.

Роҳбарони донишгоҳу донишкадаҳоро зарур аст, ки дар самти ба талабот ва стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани сифати таълим ва сатҳи дониши донишҷӯён тадбирҳои доимӣ ва муассир андешанд.

Зарурат ва аҳамияти донистани якчанд забон имрӯз қишрҳои гуногуни ҷомеа, махсусан наврасону ҷавонон ва кормандони сохтору мақомоти

Бинобар ин, олимони моро зарур аст, ки барои ҳамқадами замон гардонидани забони тоҷикӣ ва ба пояи баланди забони илм расонидани он кӯшиш намоянд.

Бо ташаббуси Ҳукумати мамлакат ва дастгирии ҳамаҷонибаи ҷомеаи илмии кишвар ба фаъолият оғоз намудани Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба роҳ мондани таълифи рисолаҳои илмӣ бо забони тоҷикӣ дар ҳамаи соҳаҳои илм иқдоми саривақтӣ мебошад.

Вале таъкид менамоям, ки дар ин раванд, на ба миқдор, балки бештар ба сифати рисолаҳои илмии анҷомёфта таваҷҷуҳ зоҳир гардад. Рисолаҳои донишмандон ва муҳаққиқону унвонҷӯён бояд дар сатҳи баланди илмии ҷавобгӯй ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ таълиф шаванд, то ки дар пешрафту ғановати забони илмии тоҷикӣ саҳми сазовор гузоранд.

Бинобар ин, Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи забон ва истилоҳотро зарур аст, ки ба забони рисолаҳои илмии дифоъшаванда ва истилоҳоти илмӣ эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

Вобаста ба ин, хотиррасон менамоям, ки ҳоло дар масъалаи истилоҳнигорӣ ба забони тоҷикӣ як силсила мушкилот пеш омадааст.

Дар замони муосир, ки давраи рушди босуръати илму фан ва техникаву технологияҳои навтарин аст, бояд ба такмили истилоҳот бо забони тоҷикӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шавад. Олимону муҳаққиқон ва мутахассисони тамоми соҳаҳои илмро зарур аст, ки барои ифодаи мафҳумҳои навтарини илму техника аз ҳамаи имкониятҳои забони тоҷикӣ бодиққат ва боэҳтиёт истифода баранд.

Ҳамчунин, онҳо бояд тавассути эҳёи қолабҳои суннатии истилоҳнигорӣ бо истифода аз захираи луғавии забони тоҷикӣ дороиву ғановати забонро аз ҳисоби истилоҳсозӣ ва иқтибосгирии бамаврид таъмин намоянд.

Ба андешаи муҳаққиқон, номҳои таърихӣ ва ҷуғрофӣ далели ғановат ва таърихи зиндаи ҳар як забон, аз ҷумла забони модарии мо ба шумор мераванд.

Илова бар ин, дар номҳои таърихӣ ва ҷуғрофии Тоҷикистон раванди таҳаввули забони модарии мо дар ҳамаи марҳалаҳои таърихии рушди он ба мушоҳида мерасад.

Бо ибтикори мо дар харитаи сиёсии олам дигарбора арзи ҳастӣ кардани номҳои қадиму асилу ҷуғрофии Бохтар, Суғд ва садҳо номи дигар, ки гузаштаи пурифтихори моро ба имрӯз ва имрӯзро ба фардо пайванд медиҳанд, барои эҳёи ҳофизаи таърихӣ ва баланд бардоштани сатҳи худогоҳиву худшиносии мардуми мо аз аҳамияти хоса бархӯрдоранд.

Ба андешаи мо, барои рушди минбаъдаи забони давлатӣ, дар навбати аввал, бояд тадбирҳои зерин амалӣ карда шаванд:

Якум. Риояи покизагии забон. Яъне, зарур аст, ки мо асолат ва покизагии забони худро нигоҳ дорем ва аз истифодаи безарурати калимаҳо аз забонҳои дигар худдорӣ кунем.

Дар баробари омӯхтани забонҳои хориҷӣ, ба омӯзиши забони адабии тоҷикӣ таваҷҷуҳи боз ҳам бештар зоҳир намоем.

Забони адабии тоҷикиро хуб донем ва омӯзиши забонҳои хориҷиро дар заминаи забони модарӣ ва бо истифодаи васеи имкониятҳои он ба роҳ монем.

Дуюм. Фаъолияти Кумитаи забон ва истилоҳот, Академияи миллии илмҳо ва дигар вазорату идораҳо дар самти ба вуҷуд овардани захираи рақамии забони тоҷикӣ бештар тақвият дода шавад, зеро ин омил ба мондагории забони тоҷикӣ дар замони ҷаҳонишавӣ мусоидат менамояд.

Хотирнишон менамоям, ки чунин иқдом дар аксар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон натиҷаҳои хуб дода истодааст.

Зарур дониста мешавад, ки ба хотири дастрасии ҳар чӣ бештари алоқамандон нусхаҳои электронии фарҳангҳои муътамад, аз қабили «Луғати фурс», «Бурҳони қотеъ», «Ғиёс-ул-луғот», «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Фарҳанги Рашидӣ», «Баҳори Аҷам», «Фарҳанги Онандроҷ», «Фарҳанги забони тоҷикӣ», «Луғатнома»-и Деҳхудо ва дигар фарҳангу истилоҳномаҳои соҳавӣ бо алифбои имрӯзаи тоҷикӣ ба шабакаҳои иҷтимоиву иттилоърасонӣ ворид карда шаванд.

Сеюм. Яке аз масъалаҳое, ки то имрӯз аз мадди назар дур мондааст, омӯхтани ҷанбаҳои назариявии забони бостонии тоҷикӣ ва омода кардани мутахассисону муҳаққиқони забонҳои авастоӣ, суғдӣ ва бохтарӣ мебошад, ки сарчашмаи забони ширину шевои мо ба ҳисоб мераванд.

Академияи миллии илмҳо ва дигар ниҳодҳои илмиву таълимӣ бояд сари ин масъала ҷиддӣ андеша намоянд.

Илова бар ин, тарғиби забони тоҷикӣ, тавассути расонаҳои ҷаҳонии интернетӣ нашр кардани осори оламшумули назму наср ба ин забон аз муҳимтарин омилҳои густариши забони тоҷикӣ дар давраи ҷаҳонишавӣ маҳсуб мешавад.

Дар ин раванд, арзиши маънавию маърифатии забонро баланд бардоштан ва забони адабии гуфтугӯиро тақвият додан низ бисёр муҳим ва зарур мебошад.

Аз ин лиҳоз, ҳоло зарурати таҳияи луғати мукаммали забони тоҷикӣ бо фарогирии калимаҳои умумиистеъмолии рӯзмарра, яъне китоби рӯимизии ҳар як тоҷик ва алоқамандони омӯзиши ин забон пеш омадааст.

Барои иҷрои корҳои зикршуда мо бояд шахсонеро, ки қобилият, маҳорат ва таҷрибаи таҳияи фарҳангномаҳоро доранд, дастгирӣ кунем ва сафи онҳоро зиёд гардонем.

Ҳамчунин, мехоҳам таъкид намоям, ки омӯзонидани забонҳои хориҷӣ дар ҳама муассисаҳои таълимӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шуда, дар баробари ин, омӯзиш ва таълими забони давлатӣ дар муассисаҳои таълимашон бо забони ақаллиятҳои миллӣ ва забонҳои русиву англисӣ такмил дода шавад.

Дар муассисаҳои типи нав, яъне литсею гимназияҳое, ки таълимашон ба забонҳои хориҷӣ мебошад, низ омӯзиши забони давлатӣ, таърихи миллат ва ҷуғрофиёи кишвар ҳатмист, зеро ноогоҳӣ аз таърих ва фарҳанги миллии худ ба ташаккули шуури миллии кӯдакону наврасон таъсири манфӣ мерасонад.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки барномаҳои чунин муассисаҳои таълимӣ бояд ба фарҳангу тамаддун, таърих ва забону адабиёти мо мутобиқ гардонида шаванд, то ин ки фардо дастпарварони онҳо фарҳангу адабиёти моро бо забонҳои гуногуни дунё муаррифӣ намуда, дастовардҳои олами башарро ба забони давлатиамон баргардон карда тавонанд.

Дар раванди забономӯзӣ наврасону ҷавонони мо бояд дар хотир дошта бошанд, ки донистани забони модарӣ ва дар заминаи он аз худ кардани донишҳои замонавӣ аз рӯҳияи баланди ватандорӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихори баланди миллии онҳо гувоҳӣ медиҳад.

Забони модариро дар сатҳи аъло донистан, онро дӯст доштан, бо ин забони ширину шево дурусту равону зебо сухан гуфтан ва асари адабӣ эҷод кардан камоли эътиқоду эҳтиром ба Ватан - Модар ва далели ҳисси баланди миллӣ мебошад.

Аммо ин суханҳо чунин маънӣ надоранд, ки ҷавонони мо танҳо бо забони модарии худ қаноат намоянд ё дар доираи он маҳдуд монанд. Баръакс, мо дар ин ақида устувор будем ва ҳастем, ки ҷавонон дар асоси хуб донистани забони модарӣ барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ талош намоянд. Илму дониш ва техникаву технологияҳоро тавассути забонҳои хориҷӣ низ омӯхта, аз худ карда, дар оянда барои пешбурди соҳаҳои гуногуни иқтисодиву иҷтимоии кишварамон самаранок истифода баранд.

Ҳукумати мамлакат дар даврони соҳибистиқлолӣ бо бунёду таъсиси ҳазорҳо муассисаи нави таълимӣ зина ба зина чунин муҳит ё фазоро ба вуҷуд овард, ки ҳоло дар онҳо даҳҳо ва садҳо ҳазор шогирдони забономӯз таълим мегиранд.

Натиҷаи ҳамин аст, ки имрӯз дар байни ҷавонони мо на танҳо донандагони ду забон, балки се - чор ва ҳатто то панҷ забон торафт зиёд шуда, онҳо дар озмунҳои гуногуни байналмилалӣ донишу малакаи хуб нишон медиҳанд.

Бо мақсади густариши бештари ин раванд, зарур дониста мешавад, ки ҳар сол баргузор намудани олимпиадаи фаннии забонҳои хориҷӣ дар ҳама зинаҳои таҳсилот ва ҳавасмандгардонии ғолибони онҳо ба роҳ монда шавад.

Тибқи таҳлилҳо, аз шумораи умумии зиёда аз 40 ҳазор нафар донишҷӯёне, ки ҳоло дар хориҷи кишвар таҳсил доранд, қариб 1200 нафарашон ба забономӯзӣ машғуланд.

Дар робита ба ин, мехоҳам ёдовар шавам, ки аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ то имрӯз талабот ба кадрҳои забондон дар сатҳу зинаҳои гуногуни хизмати давлатӣ ҳамеша зиёд мебошад. Зеро раванди рушду густариши муносибатҳои

# БАРОИ ОМӮЗОНИДАНИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ БОЯД АЗ ҲАМА ИМКОНИЯТ ИСТИФОДА КАРДА ШАВАД

## Суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

**шаҳри Душанбе, 27 сентябри соли 2022**

ва берун аз он, аз ҷумла дар Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилоту созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, инчунин, дар сафоратҳои Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷӣ муваффақона фаъолият карда истодаанд.

Ҳамзамон бо ин, донишкада бо 52 муассисаи таҳсилоти олии кишварҳои хориҷӣ ва ташкилоту муассисаҳои минтақавию байналмилалӣ робитаҳои ҳамкориро ба роҳ мондааст, ки ба пешрафти ҳамаҷонибаи фаъолияти он мусоидат менамояд.

Дар ин давра 2700 нафар шаҳрвандони 19 кишвари дуру наздики хориҷӣ ҳамчун донишҷӯву аспирант, инчунин, дар курсҳои кӯтоҳмуддати забономӯзии донишкада таҳсил кардаанд.

Бо дастгирии Ҳукумати мамлакат ҷиҳати тақвияти пояи моддиву техникии донишкада, ба талаботи замони муосир мутобиқ гардонидани шароити таҳсил ва баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар донишкада марказҳои омӯзиши забони англисӣ, хитойӣ, ҳиндӣ ва куриёӣ таъсис дода шудаанд, ки ҳоло пурсамар фаъолият доранд.

Илова бар ин, соли 2021 дар заминаи факултети забони англисӣ маркази тестии забони англисӣ ба фаъолият оғоз намуд, ки дар байни дигар муассисаҳои таълимӣ ягона мебошад.

Ҳамчунин, дар донишкада курсҳои кӯтоҳмуддати забономӯзӣ ба роҳ монда шудаанд, ки дар онҳо шаҳрвандони мо ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ ҷалб мегарданд.

Бо дарназардошти шароити муҳайёгардида ва бо мақсади рушду инкишофи боз ҳам бештари фаъолияти илмиву таълимии муассиса дар самти омода намудани мутахассисони баландпояи донандаи якчанд забони хориҷӣ пешниҳод мегардад, ки номи донишкада ба Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии ба номи Сотим Улуғзода табдил дода шавад.

Ба Вазорати маориф ва илм ва дигар вазорату идораҳо дастур дода мешавад, ки дар муддати се моҳ санадҳои меъёрии ҳуқуқии зарурии доир ба ин масъала таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Мо барои забономӯзии наврасону ҷавонон дар ҳама зинаҳои таҳсилот бояд тамоми шароити зарурии фароҳам созем ва корро тавре ба роҳ монем, ки ба кишварҳои хориҷӣ барои забономӯзӣ рафтани шаҳрвандонамон ҳар чӣ камтар гардад. Бо ин мақсад бояд аз тамоми имкониятҳо, аз ҷумла китобхонаҳо, ки барои тадрису омӯзонидани забонҳо заминаи бисёр мусоид мебошанд, васеъ ва самаранок истифода карда шавад.

Ҷиҳати ҳалли ин масъала Вазорати маориф ва илм, Донишкадаи давлатии забонҳо ва факултетҳои забономӯзии ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд барномаҳои забономӯзиро таҳия ва амалӣ намоянд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Ман борҳо таъкид карда будам ва ҳоло бори дигар хотиррасон менамоям, ки дар шароити муосир ноил гардидан ба дастовардҳои илму техника ва технологияҳои нав ва баробар бо ҷомеаи пешрафтаи башар қадам гузоштан бидуни аз худ кардану хуб донистани забонҳои хориҷӣ бисёр мушкил ва ҳатто ғайриимкон мебошад.

Бо мақсади тавсеаи ҷаҳонбинии илмӣ ва рушди тафаккури техникии мардум ва қабл аз ҳама, наврасону ҷавонон, инчунин, дастрасӣ ба техникаву технологияҳои муосир мо солҳои 2020 - 2040 - ро «Бистсолаи рушди омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» эълон намудем.

Омӯзиши муваффақонаи ин фанҳо низ танҳо дар сурате имконпазир мегардад, ки агар наврасону ҷавонони мо забонҳои хориҷӣ, алалхусус, забонҳоеро, ки бо онҳо адабиёти илмӣ нашр мешавад, хуб донанд.

Ман борҳо гуфтаам ва ҳоло бори дигар таъкид менамоям, ки ҳар як шахс ва дар навбати аввал, ҷавонон бояд ғайр аз забони давлатӣ ду забони хориҷиро дар сатҳи забони модарӣ донанд, зеро ин тақозои замони муосир мебошад.

Илова бар ин, ҳар як донишҷӯ, сарфи назар аз ихтисоси интихобкардаи худ, бояд забонҳои хориҷиро омӯзад ва донад.

Замоне мерасад, ки ҳангоми интихоб кардан ва ба вазифа таъин намудани кадрҳо, яъне аъзои Ҳукумат, роҳбарону кормандони сохтору мақомоти назди Президент ва Ҳукумати мамлакат ва вакилони мардумӣ, хулоса, ҳамаи хизматчиёни давлатӣ, донистани забонҳои хориҷӣ аз ҷумлаи талаботи асосӣ мегардад.

Дар робита ба ин, таъкид менамоям, ки омӯзиши забон, таърих, фарҳанг ва ҷуғрофияи Тоҷикистон дар муассисаҳои ҳамаи шаклҳои таҳсилот, ки таълимашон ба забони ақаллиятҳои миллӣ мебошад, васеъ ба роҳ монда шавад.

сону ҷавонон ва кормандони сохтору мақомоти давлатиро вазифадор месозад, ки бо дарназардошти талаботи замони муосир барои рушди шахсият ва дастрасии ҳар як фард ба иттилооти ҷаҳонӣ ҳатман ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ машғул бошанд.

Имрӯз донистани забони хориҷӣ барои кормандони тамоми сохтору мақомот, аз ҷумла соҳибкорон шарт ва зарур аст. Ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шарофати сиёсати «дарҳои кушода» бо тамоми ҷаҳон ҳамкорӣ дорад. Кормандони гузаргоҳҳои сарҳадӣ, яъне гумрукчиён, сарҳадбонон ва муассисаҳои хизматрасонӣ вазифадоранд, ки забони хориҷиро донанд.

Ба шарофати Истиқлолияти давлатӣ ва шароиту имкониятҳои муҳайёкардаи Ҳукумати мамлакат имрӯз сафи наврасону ҷавононе, ки барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ кӯшиш мекунанд, торафт афзуда истодааст.

Ҷавонони мо амиқ дарк кардаанд, ки донистани забонҳои хориҷӣ муҳимтарин шарти омӯхтани илму донишҳои замонавӣ, техникаву технологияҳои пешрафта ва робита бо ҷаҳони беруна мебошад.

Вобаста ба ин, ман борҳо таъкид кардаам, ки омӯхтани забонҳои хориҷӣ бояд дар заминаи забони адабии тоҷикӣ, яъне бар асоси донистани меъёрҳои забони давлатӣ ва риояи хусусиятҳои он сурат гирад.

Чунин шеваи омӯзиш ба арҷ гузоштан ба забони давлатӣ, боз ҳам беҳтар аз худ кардани он, инчунин, дар арсаи байналмилалӣ мақоми шоиста пайдо намудани кишварамон ва ба роҳ мондани робитаҳои гуногунҷанбаи он бо мамолики гуногуни ҷаҳон мусоидат менамояд.

**Дӯстони азиз!**

Равандҳои ҷаҳони муосир ҳар як кишварро водор месозанд, ки ба хотири таъмин намудани рушди босуботи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангии худ ба соҳаҳои илму маориф ва омода кардани кадрҳои баландихтисос таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд.

Бо дарки ин воқеият, Ҳукумати Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ ба рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ диққати ҳамаҷониба дода, барои ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии таҳсилот ва ворид гардидан ба фазои ягонаи таҳсилот тадбирҳои зарурии амалӣ менамояд ва корҳо дар ин самт идома ёфта истодаанд.

Ман ҳанӯз 1-уми сентябри соли 2019 зимни ифтитоҳи бинои Академияи идоракуни давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дастур дода будам, ки донишгоҳу донишкадаҳоро аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаронида, имкониятҳо ва мавқеи таҳсилоти олии касбии Тоҷикистонро дар минтақа ва ҷаҳон ба таври шоиста муаррифӣ намоянд.

Бо ин мақсад, муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки дар ҷараёни таълим истифодаи технологияи иттилоотиву коммуникатсиониро васеъ ба роҳ монанд, таҷрибаи байналмилалиро омӯзанд ва нақшаву барномаҳои таълимиро ба талаботи меъёрҳои ҷаҳонии таҳсилот ва бозори дохиливу хориҷии меҳнат мутобиқ гардонанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди идома доштани ислоҳоти низоми таҳсилоти олӣ сатҳу сифати таълим ва дараҷаи азхудкунии дониш аз ҷониби донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба такмил ниёз дорад. Дар ин росто зарур аст, ки дар раванди таълим ба омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқу риёзӣ ва забонҳои хориҷӣ диққати боз ҳам бештар дода шавад.

Вақти он расидааст, ки таҳияи фарҳангу луғатҳои соҳавӣ вусъат дода шуда, милликунонии забони технологияҳои навин ва умуман, тамоми соҳаҳо таъмин ва иқтидори забони тоҷикӣ дар ҳамаи соҳаҳои илм тақвият бахшида шавад.

Донишмандони тоҷик гузоштани асосҳои забони илмии тоҷикиро ҳанӯз дар замони давлатдории Сомониён дар сатҳи баланд анҷом дода буданд, ки хизмати таърихии онҳо дар ин самт аз ҷониби олимони маъруфи сатҳи ҷаҳонӣ эътироф гардидааст.

Бузургтарин донишмандони ҷаҳоншумули мо - Абӯалӣ ибни Сино бо таълифи «Донишномаи Алоӣ» ва Абӯрайҳони Берунӣ бо таълифи «Китоб-ут-тафҳим» бунёдгузорони забони илми тоҷикӣ ба шумор мераванд, ки анъанаи оғозкардаи онҳо дар асрҳои минбаъда аз тарафи донишмандони маъруф, аз ҷумла Насируддини Тӯсӣ, Умари Хайём ва дигарон то ба Аҳмади Донишу устод Айнӣ идома пайдо кард.

Дар замони муосир қудрату тавоноии ҳар як забон дар баёни матлаби илмӣ зоҳир мегардад ва бақову мондагории забон ба доираи истифодаву корбурди он дар илм вобаста мебошад.

дипломатӣ ва ҳамкорӣ бо давлатҳои ҷаҳон, робитаҳои иқтисодӣ ва ҳамгироӣ бо ҷомеаи башарӣ, тарҷумаи осори арзишманди фарҳанги инсонӣ ва таъсиси корхонаву ширкатҳои муштарак дар мамлакат ба ҳазорҳо нафар ҷавонони забондон ниёз дорад.

Дар ин самт, мо то имрӯз тавассути барномаи Стипендияи байналмилалии Президенти Тоҷикистон - «Дурахшандагон» садҳо нафар ҷавонони боистеъдодро, ки ду ва зиёда забонҳои хориҷиро дар сатҳи баланд медонанд, барои таҳсил ба муассисаҳои илмиву таълимии кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон фиристодем. Танҳо соли ҷорӣ қариб 100 нафар чунин ҷавонон сазовори стипендияи мазкур гардиданд.

**Ҳозирини арҷманд!**

Мо ворид гардидани низоми маорифи мамлакатро ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ амри зарур ва муҳим шуморида, бо дарназардоштаи дастоварду навгониҳои илму маорифи ҷаҳонӣ ба тақвияти раванди таълиму тарбия, фарогирии илму дониш ва соҳибкасб гардидани ҷавонон эътибори ҷиддӣ медиҳем.

Вале дар ҷараёни таълиму тарбия ба эътибор гирифтани мероси бузурги гузаштагон, арзишҳои милливу фарҳангӣ ва таърихии миллати тоҷикро аз рукнҳои асосии ин раванд мешуморем. Зеро миллати тоҷик дорои арзишҳо ва расму оинҳои ғановатманду рангоранг, анъана ва собиқаи бузурги таърихӣ буда, дар рушди илму маориф, таълиму тарбия ва фарҳангу маънавиёти умумибашарӣ ва тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми назаррас гузоштааст.

Бинобар ин, зарур аст, ки дар муассисаҳои таълимии ҳамаи зинаҳои таҳсилот бо мақсади ба камол расонидани наслҳои ояндасози ватандӯсту ватанпараст ба омӯзонидани арзишҳои таърихиву фарҳангии халқамон таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардад.

Яъне, афкори таълимии олимону адибони гузаштаву имрӯзаи тоҷик, ки ғояи асосии онҳо таълиму тарбияи инсони комил мебошад, бояд бо дастовардҳои таҳсилоти ҷаҳонӣ ва бо дарназардошти манфиатҳои милливу фарҳангӣ, расму оин ва анъанаҳои миллии мардуми тоҷик такмил дода шаванд.

Таъкид менамоям, ки танҳо тавассути муваффақонаву ҳадафманд омезиш додани арзишҳои милливу фарҳангӣ бо дастовардҳои таҳсилоти ҷаҳонӣ метавон афроди босаводу донишмандро тарбия намуд.

Танҳо чунин афрод метавонанд ояндаи ободи кишвари худ ва мондагории миллати хешро дар саҳифаҳои таърихи башар ҳифз ва таъмин намояд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

**Омӯзгорони муҳтарам ва донишҷӯёни азиз!**

Бо дарназардошти он ки рушди соҳаи илму маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ба шумор меравад, Ҳукумати мамлакат дар баробари таъмин намудани тараққиёти иқтисодии кишвар ҷиҳати ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ гардонидани маорифи миллӣ тамоми чораҳои зарурии амалӣ карда истодааст.

Ман қариб дар ҳама суханрониҳо ва мулоқоту вохӯриҳои худ хотирнишон менамоям, ки илму маориф асоси устувори пешрафти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат буда, ҷомеа танҳо бо роҳи таъмин намудани рушди ин соҳаҳо ба ҳадафҳои созандаи худ ноил мегардад.

Имрӯз мо ба донишу хирад ҳамчун манбаи худогоҳиву бедорӣ ва ташаббусҳои созанда арҷ гузошта, бори дигар ёдовар мешавем, ки наврасону ҷавонони мо, яъне наслҳои ояндасоз ободиву сарсабзии Ватани азизамон - Тоҷикистони соҳибистиқлолро танҳо тавассути омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар таъмин карда метавонанд.

Аз ин рӯ, такроран таъкид менамоям, ки мо бояд ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, дар рӯҳияи эҳтиром ба забон, фарҳанг, расму оин ва дигар арзишҳои миллӣ, муқаддасоти давлати соҳибистиқлол ва ахлоқи ҳамида тарбия кардани насли наврас беш аз ҳар вақти дигар таваҷҷуҳ зоҳир намоем, дар ҳама зинаҳои таълим усулҳои пешқадамро ҷорӣ созем ва талаботро нисбат ба таълими донишҳои назариявӣ ва амаливу таҷрибавӣ тақвият бахшем.

Бори дигар ҳамаи шумо - ҳозирини муҳтарамро ба муносибати ифтитоҳи биноҳои нави таълимии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, инчунин Рӯзи забони давлатӣ, ки ҳастии миллат ва бақои давлати мо мебошад, самимона табрик гуфта, ба ҳар кадоми шумо саломатӣ, саодати рӯзгор ва комёбиҳои рӯзафзун орзу менамоям.

**Ҳамеша саодатманду сарбаланд бошед!**



# ИФТИТОҲИ ИНШООТИ НАВ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ АЗ ҶОНИБИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

(Идома аз саҳ. 1)

Донишкада бо беш аз 52 муассисаву ташкилотҳои хориҷӣ, ҳамкориро ба роҳ мондааст, ки дар ин муддат 423 донишҷӯи донишкада ба кишварҳои хориҷ барои идомаи таҳсил сафарбар карда шудаанд.

Ҳамчунин, дар ин давра шаҳрвандони кишварҳои хориҷи дуру наздик дар зинаҳои бакалавриат, магистратура, аспирантура ва курсҳои кӯтоҳмуддати забономӯзии донишкада ба ҳайси донишҷӯ, аспирант ва шунаванда ба таҳсил фаро гирифта шуданд, ки шумораи умумии онҳо ба 2696 нафар мерасад.

Илова бар ин, ҷиҳати баланд бардоштани савияи дониши забондонии донишҷӯёни донишкада аз 21 кишвар 213 омӯзгори соҳибзабон барои кор ва фаъолият ба донишкада ҷалб гардиданд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди ифтитоҳи биноҳои нави Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар арафаи таҷлили Рӯзи забони давлатӣ бо устодону донишҷӯёни донишкада ва аҳли маорифи пойтахт мулоқот карданд.**

Баъди суханронии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон устодону донишҷӯёни Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода бо андешаҳои ҷолиб ва пешниҳодҳо баромад карданд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Фирдавсии пойтахт Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии хусусии «Гимназияи Нуриддин»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор дода, бо имкониятҳои иншооти нави таълимӣ шинос шуданд.**

Гимназия барои ду ҳазор хонанда дар як баст пешбинӣ гардида, дар он шароити таълим мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ фароҳам оварда шудааст. Аз ҷумла, иншоот дорои 70 синфхона бо тахтаҳои электронӣ буда, дар он 22 кабинети фаннӣ ташкил гардидааст ва ба омӯзиши фанҳои дақиқ таваҷҷуҳи хоса дода мешавад. Аз ин ҷост, ки лабораторияи алоҳида барои гузаронидани дарсҳои назариявии химия ва лабораторияи физика бо ҳама дастгоҳҳои зарурию аёниятҳои хониш бунёд ёфтааст. Ҳамчунин, дар муассисаи таълимӣ синфхонаҳои алоҳида барои омӯзиши фанҳои биология, ҳуқуқи инсон ва омодагии ибтидоии ҳарбӣ бунёд ёфтааст.




Зимни боздид ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки дар гимназия ду синфхонаи технологияи иттилоотӣ бо компютерҳои замонавию хати баландсуръати интернет ташкил гардидааст.

Бо пайгирӣ аз сиёсати бунёдкоронаву маорифпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии хусусии «Гимназияи Нуриддин»-ро соҳибкори ватанӣ Абдураҳмон Қосимов бунёд намуда, таълиму тарбия дар он мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ роҳандозӣ гардидааст.

Дар гимназия 230 омӯзгор дар асоси озмун ба кор ҷалб гардида, барои кору фаъолияти онҳо шаш ҳуҷраи алоҳидаи корӣ ташкил гардидааст.

Толори зебову замонавии гимназия беш аз 500 ҷои нишаст дошта, ошхонаи он имкон дорад, ки дар як вақт ба 250 нафар омӯзгору хонанда хизмат расонад. Бо назардошти талабот ва меъёрҳои ҷорӣ, дар муассиса толори варзишӣ бунёд ёфта, дар он барои гузаронидани дарси тарбияи ҷисмонӣ ва мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ шароит фароҳам аст.

Барои омода кардани хонандагон ба озмунҳои ҷумҳуриявӣ китобхонаи муассиса бо 125 номгӯи китобҳои бадеӣ ва беш аз 4 ҳазор китоби фаннӣ ташкил гардидааст. Ҳамчунин, бо насби 25 компютер китобхонаи электронӣ ташкил гардида, ба ин васила омӯзгорону хонандагон ба махзани бойи ашъори шоирону нависандагони ватаниву хориҷӣ дастрасӣ пайдо намудаанд.

Пас аз боздид Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тасмимҳои бунёдкоронаи соҳибкорони ватаниро боиси дастгирӣ арзёбӣ карда, масъулинро вазифадор намуданд, ки ба сифати таълиму тарбия, омӯзиши амиқи технологияи муосир ва забонҳои хориҷӣ дар таълимгоҳ диққати аввалиндараҷа диҳанд.

www.president.tj

30 сентябр – Рӯзи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ

# ТАЪЛИМОТИ ИНСОНГАРОЁНАИ МАВЛОНО – ВАСИЛАИ ОБУТОБИ ИНСОНИ КОМИЛ



**Масъалаи маркази таълимоти ахлоқии Ҷалолиддини Балхӣ масъалаи «инсони комил» ба шумор меравад. Дар андешаҳои ахлоқии Мавлоно бештар масъалаҳои диниву фалсафӣ ҳаллу фасл гардида, ба ҷонибдории озодии инсон майл мекунанд ва ба ҳамин тариқ, оҳанги прогрессивии ақлгароиро дар тасаввуф қувват мебахшанд. Андешаҳои ахлоқии Мавлоно дар доираи суннатҳои исломӣ ва орои динӣ-фалсафӣ, иҷтимоиву сиёсӣ ва ахлоқии бузургтарин шахсиятҳои тасаввуф ташаккул ёфтаанд. Аз ҷумлаи саромадони он метавон Боязиди Бистомӣ, Мансури Ҳаллоҷ, Абулмаҷд Саноӣ, Фаридуддини Аттор, Ибн ал-Арабӣ, Баҳоуддин Валад, Саидбурҳонуддини Тирмизӣ ва Шамсиддин Табрезиро номбар кард. Дар ахлоқи Мавлоно таъсири мероси ақлонии он замона низ баръало ба мушоҳида мерасад.**

Дар осори Мавлоно инсон олитарин шакли офариниш, султони ирода ва омири хоҳишҳояш ба шумор меравад. Ба пиндори ӯ инсон метавонад худро дарк созад, ислоҳ ва такмил дода, ба «инсони комил» - и ормонӣ наздик намояд.

Андешаҳои ахлоқии Мавлоно ду ҷанбаи ба ҳам алоқаманд доранд: андозаҳои универсалии ахлоқӣ, ки ба инсоният ҳамчун объекти ахлоқ равона шудааст ва ахлоқи солики роҳи ҳақ, ки ахлоқи сӯфии тариқатро дар бар мегирад. Аз ин хотир дар таълимоти ахлоқии ӯ ду навъи андешаи ахлоқӣ ба назар мерасад: ахлоқи умумиинсонӣ ва ахлоқи сӯфиёна.

Ахлоқи сӯфиёнаи Мавлоно чанд қисм аст: иҷтимоӣ, тадбири манзил ва тасаввуф, ки дар тамоми он фалсафаи сулҳи ӯ шарҳу тафсир ёфтааст. Ӯ масъалаҳои ахлоқи тасаввуфро бо мисолу танз баррасӣ намуда, ба тарбият аҳамияти зиёд дода, дар айни ҳол, ҳудуду шохисҳои ахлоқии тасаввуфро муайян ва муқаррар месозад. Аз ҷумлаи мафҳумҳое, ки аз тариқи он Мавлоно тарзи бенизоъ зистанро шарҳ медиҳад, мафҳуми адолат мебошад. Адолатро Мавлоно ҳамчун категорияи арзишҳои ахлоқии шахс маънидод карда, мепиндорад, ки он ихтиёран амали некро нисбат ба бад интихоб кардани инсонро ифода менамояд. Он дар ду шакл - мутлақ, илоҳӣ ва нисбӣ - инсонӣ вуҷуд дорад. Ба андешаи Мавлоно, ҳама амалҳои олам одилонаанд - хоҳ некӣ бошаду хоҳ бадӣ. Подоши некӣ омадани бадӣ низ одилона аст, зеро он вазифаи ҳамчун подоши амалро иҷро менамояд. Мавлоно, инчунин, мафҳуми адолати заминиро таҳлилу баррасӣ менамояд ва онро бо мазмуни иҷтимоӣ бою ғанӣ мегардонад. Ӯ мепиндорад, ки ҳар як инсон бояд дар рафтору аъмоли худ одил бошад ва ба атрофиён бадиро муносиб нашуморад. Хусусан ин сифатро Мавлоно ба шоҳону ҳокимон муҳим ва мубрам мешуморад, зеро эшон бояд дар созгорӣ бо қонунҳои заминиву илоҳӣ ҳукм ронанд ва ба зулму истибдоди раийят роҳ надиҳанд, яъне «Адолат хосу кори шоҳон аст», - менигорад Мавлоно.

Саҳми Ҷалолиддини Балхӣ дар таҳқиқу омӯзиши дарки мазмуну мундариҷаи ҳастии инсон ҳамчун ҷузъе аз ҳастӣ, таҳлили сабабу мақсади ҳаёти заминии инсон ва рисолати он хеле бузург аст. Мавлоно сарогози андешаро оид ба ҳастии инсон ба мақоми аъло бароварда, инсонро аз ҳастии умум ҷудо месозад ва мегӯяд: рӯзу шаб фикри ман ин аст, ки ҳастии инсон чист, ӯ аз куҷо омадааст, ватанаш кадом аст ва чӣ рисолатеро бояд дар рӯи замин анҷом диҳад. Зиёда аз ин, бо иқдоми Мавлоно ин масъала ба мавзӯи фалсафӣ мубаддал гардида, ковишҳои файласуфони баъдӣ дар атрофи он қувват пайдо кард.

Инсони комилро Мавлоно мақоми таҷаллии Худо, ҳамчун махлуқи поктарини олам, аммо на ғояи мутлақ мепиндорад. Назарияи «инсони комил» дар ахлоқи асрҳои миёна эътиқод ба инсон ва қудрати интихоби неку бадро дар ӯ мустаҳкам карда, инсонро бовар мекунонад, ки бо такмили рӯҳ ӯ метавонад ба зинаҳои олии судури ахлоқӣ ноил шавад. Солик (пайрав)-и роҳи Ҳақ аз хоҳишу шаҳватҳои заминӣ рӯҳашро поку беолоиш намуда, сифатҳои илоҳиро дар худ мепарварад ва ба мартабаи «инсони комил» сазовор мегардад. Дар роҳи такмил ӯ чандин мақомро тай карда, аз хислатҳои хабиса озод ва бо роҳи тамринҳои равониву ахлоқӣ пок мегардад. Инсони комилро Мавлоно дар симои расулону қутбон, авлиёву анбиё таҷассум кардааст.

Таҳлилу баррасии мафҳумҳои озодӣ, ирода ва озодии ирода дар андешаҳои ахлоқии Мавлоно касро ба хулоса меорад, ки ӯ ин мафҳумҳоро ҳамчун имконияти дар созгорӣ бо иродаву ақл амал намудан дарк менамояд. Ба андешаи ӯ, ин амал танҳо хоси инсон ҳамчун махлуқи олӣ дар байни офаридаҳои Худо мебошад. Ҳамин тавр, инсон бо ақли худ ягон навъу рафтор, амалро интихоб намуда, онро бо тасаввуроташ нисбат ба хайру шарр, амалу ҷазо, қазову қадар тақозо менамояд. Мавлоно андеша дорад, ки ирода ба таври объективӣ дар интихоби амал иштирок менамояд. Ӯ, ҳамчунин, мафҳуми озодии мутлақро низ мулоҳизаронӣ менамояд, ки онро танҳо дар ҳоли озод шудани рӯҳ аз қолаби бадан имконпазир мешуморад.

Таҳаммулпазирии Мавлоно аз андешаҳои ӯ нисбат ба озодии виҷдон маншаъ мегирад, ки баробарии инсонҳоро дар олам эълом доштааст. Таҳаммулпазирии Мавлоно дар заминаи мафҳуми универсалии инсон зуҳур намудааст, ки онро ӯ ҳамчун ҷомеаи афроди ҳамаҷониба баробар, аммо бинобар сабабҳои гуногуни объективӣ ва субъективӣ парешоншуда шарҳу маънидод менамояд. Ҳамчунин, Мавлоно таъкид менамояд, ки инсоният ягонаву воҳид мебошад. Таълимоти ӯ андешаҳои баъдии ахлоқиро бо мазмуни инсонгароӣ ғанӣ намуда, бунёди таълимот оид ба таҳаммулпазир будан, тафаккури ҳамзистии осоиштаи инсонҳо дар кураи Заминро гузоштааст. Мавлоно боварӣ дорад, ки бани одам, новобаста ба миллату нажод, забону эътиқод Худои ягонаро меҷӯянд, ба сӯи ӯ мераванд, танҳо ӯро гуногун ном мебаранд. Ба андешаи Мавлоно, мазмуну муҳтавои ҷустуҷӯҳои инсоният Худои ягона аст

Яке аз муҳимтарин категорияи ахлоқи Мавлоно ишқ аст, ки онро ӯ воситаи идроки ҳақ меномад. Ӯ мепиндорад, ки олам пур аз ишқ аст ва ин ишқ офаридаи Худованд аст. Ишқ дар андешаҳои Мавлоно қудрати бузурги таҷдиду эҳёро дошта, он мисли олам гуногунранг буда, ҳама шодиву сурур ва ғаму андуҳро таҷассум намудааст. Он, ҳамчунин, воситаи обутоби хислату равон буда, пайвандгари рӯҳ бо рӯҳи ягона мебошад.

Дар андешаҳои ахлоқии Мавлоно бунёди таълимоти «маранҷу маранҷон» гузошта шудааст, ки ҳоло ба таълимоти инсонгароёнаи умумиҷаҳонӣ роҳ ёфтааст. Асоси онро андешае ташкил кардааст, ки бадиро бо бадӣ маҳв кардан имкон надорад. Ин мавзӯъ дар таълимоти нақшбандия, ки андешаҳои ахлоқии он бо шиорҳои «дил ба ёр, даст ба кор», «дил ба ҳақ, тан ба халқ», «дар зоҳир бо кор, дар ботин бо ёр» таҷассум ёфтаанд, аҳамияти иҷтимоӣ пайдо карда, асоси таълимоти иҷтимоии онро ташаккул медиҳад.

Ақидаҳои иҷтимоии Мавлоно масоили диниро бо дунявӣ алоқаманд дониста, ин ду ҷанбаи ҳаёти ҷомеаро бо ҳам мепайвандад. Ӯ мепиндорад, ки ҷамъият бо мақсади муттаҳид сохтану дастгирӣ намудани одамон пайдо шуда, бояд аз тарафи як сарвар идора карда шавад. Усули идораи ҷамъият бояд адл бошад, ки барои ӯ муродифи ҳақиқат аст. Ӯ мефармояд, ки рисолати шахсони бофарҳанги ҷомеа роҳ надодан ба тафриқа аст. Ҷамъият ба шоҳи одил ва шоҳ ба вазири кордон ниёз дорад.

Мавлоно нисбат ба ҳаёти инсон дар ҷомеа мефармояд, ки ӯ бояд аз мардум дурӣ наҷӯяд ва агар шахси олиму варзида бошад, аз маслиҳату ҳамкорӣ бо ҳокимон, мавқеи фаъол дар ҷомеа канор нагирад. Зиёда аз ин, Мавлоно инсонро сокини корвонсарои умумӣ ва маскани ӯро Замин меномад ва ба ин тариқ мафҳуми оламшумули андешҳояшро қувват мебахшад.

Муҳаббати инсонӣ, ӯро комилтарину олитарини офаридаҳо эълом доштан, асоси андешаҳои инсонгароёнаи Мавлоно гардидааст. Таълимоти ахлоқии ӯ иборат аз арҷгузории инсон ва қудрату тавоноии он, нақшу мақом ва мартабаи олии он нисбат ба офариниши олам буда, таблиғгари ғояҳои ҳифзу нигаҳдории инсон аз бадӣ мебошад. Инсонгароии Мавлоно буд, ки ба ӯ мақоми шахсияти машҳуртарини муосирро бахшид, сабаби муҳаббати бепоёни инсоният нисбат ба мероси нубуғӣ ва намирандаи ӯ гардид. Таълимоти ахлоқии инсонгароёнаи Мавлоно одобро бо ғояҳои прогрессивӣ ғанӣ гардонидааст, ки бешубҳа саҳми сазоворе дар рушду нумӯи орои ахлоқии мардумони Шарқ мебошад. Маҳз, ҳамин ҷанбаҳои таълимоти ахлоқии Ҷалолиддини Балхӣ - фарзанди фарзонаи миллати тоҷик, бузургтарин намояндаи тасаввуфи асри XIII, дар масири асрҳо то ҳол диққати олимону дӯстдорони ҳикматро нисбат ба мероси адабии ӯ ба худ ҷалб менамояд.

**Муҳиба МАҲМАДҶОНОВА,**
**доктори илми фалсафа**



# МАҲФИЛИ ШОИРИ ВАТАНСАРОВУ ПУБЛИТСИСТИ ВАРЗИДА

**22 сентябри соли 2022 дар толори Филармонияи халқии ноҳияи Файзобод бахшида ба Рӯзи Рӯдакӣ маҳфили шеъру суруд аз эҷодиёти Корманди шоистаи Тоҷикистон, шоир ва публитсист Ҷӯрабек Муъмин бо иштироки аҳли адабу ҳунар баргузор гардид.**

- Устод Ҷӯрабек Муъмин шоири ватандӯсту ватансарост, ки басо зебову шево қалам ронда, дар шеърҳояш Ватанро ҳамчун хонақоҳу қиблагоҳ, сари баланду пушту паноҳ бо ифтихору самимияти хос тасвир менамояд, - дар оғози маҳфил иброз дошт раиси ноҳияи Файзобод Бобишо Холзода ва афзуд, ки шоирӣ пешаи басо заҳматталаб аст. Эҷоди шеър дар баробари истеъдод меҳнати шабонарӯзӣ, омӯзиши пайваста ва ҷаҳду талоши ҳамаҷонибаро тақозо дорад ва мо шоҳидем, ки Ҷӯрабек Муъмин ҳамин гуна ҷаҳду талош меварзад.

Ҷӯрабек Муъмин дар овони наврасӣ ба шеър гуфтан оғоз намуда, муаллифи маҷмӯаҳои шеърии «Ошён», «Таронабазм» (2012) ва «Атрборон» (2016) аст. Шеърҳояш дар маҷмӯаҳои дастаҷамъӣ ва расонаҳои кишвар низ ба табъ расидаанд. Ӯ ҳамчун рӯзноманигор низ устодона қалам меронад. Яке аз муаллифони фаъол ва доимии рӯзномаи «Садои мардум» аст. Рисолаҳои таърихӣ ва публитсистии «Файзобод. Таърихи қадим ва имрӯзи он» (2001) ва «Вашгирди пешин ва Файзободи навин» (2014) ба қалами Ҷӯрабек Муъмин тааллуқ доранд.

Собиқадори матбуот Тилло Соҳибназаров иброз намуд, ки Ҷӯрабек Муъмин инсони зарифу хушбаён асту маҷмӯаҳояш - «Шӯхиҳои ҷиддӣ» (2012) ва «Ҷиддитар аз шӯхиҳои ҷиддӣ» (2021) далели хушгӯиҳои ӯянд.

Дар маҳфил, ҳамчунин, ҳунармандон сурудҳояшонро бар ашъори Ҷӯрабек Муъмин пешкаши ҳозирон намуданд.

**Н.НИЗОМӢ, «Садои мардум»**

1 октябр – Рӯзи пиронсолон

# ДАҲ САДО АЗ ДАҲ ТАҚДИР

## Як рӯз дар «Хона – интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Турсунзода»

**«Ман ба кӯдакони ятиму бепарастор, маъюбону пиронсолони бесаробон ва иштирокчиёну маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ муроҷиат карда, изҳор менамоям, ки шумоёнро ҳаргиз хору зор шудан намемонам ва ҳеҷ гоҳ дар танҳоиву бесоҳибӣ намегузорам».**

Ин суханони Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар пештоқи Муассисаи давлатии «Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Турсунзода» насб шудааст.

Барои бохабар шудан аз рӯзгори сокинонаш ба он ҷо рафтем.

**«ТАНҲО КУМАКУ ДАСТГИРИҲОИ ДАВЛАТУ ҲУКУМАТ БЕМИННАТАНД»**

Пас аз арзи матлаб намудан ба роҳбарияти муассиса, моро ду масъули хона-интернат то ҳуҷраи яке аз истиқоматкунандагон, ки Абдусамад Қаюмов ном доштааст, раҳнамоӣ карданд.

- Биёед, хуш омадед, - баробари дарро ба рӯи мо кушодан гуфт бобои Абдусамад.

Ӯ пирамарди 80-солаест, ки ранҷу азоби зиёд кашида, сахтиву талхиҳои ҳаётро басе чашидааст. Ҳанӯз якунимсола буд, ки ятим монд.

- Пас аз вафоти волидон маро аммаам ба парасторӣ гирифтааст, - ба нақл аз саргузашташ оғоз кард пирамард, - Азобҳои солҳои мактабӣ, гуруснагӣ, китобу либоси гарм надоштан, таънаи ҳамсинфон, ҷангу нофаҳмиҳо дар хонаи амма… як тараф, вале пас аз хатми синфи 7 барои идомаи таҳсил ба мактаб-интернат қабул нашуданам, тарафи дигари рӯзгори сахти он айём аст. «Сағерaро хонданаш чӣ?» - гуфта, ба кӯҳ барои даҳмардагӣ фиристоданд. Солҳои 1958-1961 дар кӯҳу пуштаҳо моли мардумро нигоҳ кардам. Баъдан, бо дастгирии чанде аз наздикон ба омӯзишгоҳи касбӣ дохил шуда, дар ихтисоси сохтмончӣ таҳсил намудам. Пас аз хатм 17 сол дар сохтмонҳои гуногун ҳамчун мутахассис фаъолият кардам. Масалан, дар сохтмони аввалин беморхонаи ноҳияи Данғара саҳм дорам...

Замони дар сохтмон кор карданаш оиладор шуда, соҳиби чор фарзанд - ду писару ду духтар мегарданд. «Вале онҳоро бо чашм дидему бо даст нагирифтем. Фарзандонам пас аз таваллуд аз дунё мегузаштанд. Аз ҳама фарзанди дарозумрам семоҳа шуд» - мегӯяд мӯйсафед.

Пас аз он ки оилааш пош хӯрдаву мушкилиҳои зиндагӣ яке пайи дигар рӯ заданд, Абдусамад Қаюмов боз ба оғӯши кӯҳу саҳро рафтанро авло донист. Ҳарчанд наздикон хоҳиши ёрӣ расондан карданд, қабул накард. Ба қавле, боз моли мардум, боз асо ва танҳоӣ.

- Пас аз ду соли он ҳодисаҳо каме ба худ омадам ва ба кори совхоз (хоҷагии кишоварзӣ) даъват шудам. Дар совхоз корам барор гирифт ва яке аз бригадаҳои пешқадам шудем...

...Умрам ба ҷое расид. Боз хешу ақрабо даъват карда, ёрӣ додан хостанд, вале рад кардам. Азбаски дар ин дунё танҳо ҳифзу нигаҳбонии Худованд ва кумаку дастгириҳои Давлату Ҳукумат беминнатанд, бо тавсияи шиносе ба ин муассиса омадам.

Имсол аз омаданам 18 сол пур шуд. Соли аввал чун раиси вақт фаҳмид, ки дар боғдорӣ таҷриба дорам, чанд навъ ниҳоли мевадиҳанда овард ва хоҳиш кард, ки дар ҳавлии муассиса шинонем. Қисме аз дарахтони ин боғеро, ки аз тиреза намоён аст, шинонида ва парвариш кардаам.

- Шукр, зиндагиам хуб аст, аз чизе ё касе шикоят надорам.

**«ДАВЛАТ МОРО ХОР ШУДАН НАМОНД»**

Аз ҳуҷраи бобои Абдусамад баромадем, ки дари утоқи баъдӣ кушода ва марде болои рахти хоб нишаста, китоб мехонад. Чун наздик шудем, китобро сӯе монда, ба назди дар омад. Ӯ Нормурод Ғафурови 58-сола ва зодаи шаҳри Ҳисор аст. Маълумамон шуд, ки бо ҳукми тақдир ва сабаби баланд шудани фишори хунаш маъюби гурӯҳи дуюм аст. Ҳафт моҳ мешавад, ки дар «Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Турсунзода» зиндагӣ дорад.

- Дар вақти холӣ китоб мехонам, шукр мекунам ва аз умри боқимондаам фикр мекунам. Шукр бо вуҷуди он, ки касе надорем, давлат моро ба оғӯши гармаш гирифта, хор шудан намонд. Ҳазорон сипос ба Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ғамхориву дастгириҳояшон.

**«ДАР ҲАМА ХОНАҲОИ ПИРОНСОЛОНИ ҶУМҲУРӢ БУДАМ»**

Ному насаби ҳамсуҳбати навбатии мо Зулфия Розиқова буда, 72-сола аст ва панҷ сол мешавад дар ин хонаи пиронсолон зиндагӣ мекунад.

- Ман дар шаҳри Душанбе таваллуд ва калон шудам, - иброз намуд пиразан, - Падарам тоҷику модарам рус буданд. Пас аз таҳсили миёна курси дӯзандагиро тамом кардам, вале фақат ҳамчун тамизкунанда дар беморхонаҳо фаъолият намудам. Хона доштем, вале писарам хонаро фурӯхту якбора ғайб зад ва ҳоло зиндаву мурда буданашро намедонам...

Дигар қуввати кор кардан надоштам. Як нафар маслиҳат дод, ки ба хонаи пиронсолон равам. Ҳуҷҷатҳоямро тахт карда, се сол дар Маркази минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ба нафақахӯрон ва маъюбон зиндагӣ кардам.

Дертар ба Хонаи пиронсолони шаҳри Ваҳдат рафтам. Он ҷо бори дигар оиладор шуда, 8 сол зиндагӣ кардем. Пас аз марги шавҳарам ба ин муассиса омадам. Муддате ин ҷо мондам ва чун аз дарахти чинор аллергия доштам, ба Хонаи пиронсолони Бохтар рафтам. Он ҷо фишорбаландиву гармии аз ҳад зиёд азобам дод. Аз ин рӯ, ба Хонаи пиронсолони Ёвон рафтам. Он ҷо ду сол зиндагӣ кардам ва боз ҳуҷҷатҳоямро гирифта, ба ин хона-интернат омадам.

Хуллас, дар ҳама хонаҳои пиронсолони ҷумҳурӣ будам ва ҳоло тани танҳоям. Касе надорам ва касе маро намепурсад. Писарамро аз тариқи интернет ҳам наёфтам.

Шукр, ки бо ташаббусу ғамхориҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарпаноҳу нигаҳбоне дорем...

**«АГАР АЗ БЕРУН УСТО БИЁРАНД, ХАФА МЕШАВАМ»**

- Дар гузашта, устои мошин будам. Кору зиндагиам хуб буд. Тӯли фаъолиятам чанд устохона боз кардаму ба чандин нафар ин касбро омӯзондам.

Баъди вафоти ҳамсарам зиндагиям дигар шуд. Хонаамро ба ду духтарам тақсим карда, худам дар берун мондам. Баъд ба ин ҷо омадам.

Инак, ду сол мешавад, ки дар ин муассиса иқомат мекунам. Аз будан дар ин ҷо хурсандам. Усто ки ҳастам, ҳар хизмате пайдо шавад, иҷро мекунам, ҳатто агар фаҳмам, ки барои коре аз берун усто овардаанд, хафа мешавам. Шукр, аз дастам кори зиёд меояд ва мекӯшам, ки ҳунарамро ба нафъи ҷомеа истифода барам, - оромона гуфт ҳамсуҳбати мо Сайфулло Қурбонови 69-сола.

**«ҲУНАРАМ ДАР ИН ҶО ҲАМ ХАРИДОР ДОРАД»**

Мунаввара Безменова низ аз соли 2010 яке аз истиқоматкунандагони ин хона-интернат аст. Дар ҳоле вориди ҳуҷраи ӯ шудем, ки машғули кор буд. Ҷӯроб мебофт. Баъди саломy ҳолпурсии самимӣ аз мақсади мо огоҳ шуда гуфт:

- Имсол 72-сола шудам. Ман дар шаҳри Душанбе ба дунё омадаам, падарам тотору модарам украинӣ буданд. Хатмкардаи Коллеҷи тиббӣ ҳастам ва солҳои зиёд дар Комбинати нассоҷӣ фаъолият кардам. Чун шавҳарам фалаҷ шуд, корро бас карда, ӯро парасторӣ намудам. Пас аз чанде шавҳарам вафот кард. Писару келинам дар Федератсияи Россия кору зиндагӣ мекарданд. Онҳо аз ман хоҳиш карданд, ки наздашон биравам. Аммо натавонистам, зеро аз Тоҷикистон берун баромадан бароям бисёр душвор буд.

Рӯзе қатъиян гуфтанд, ки бояд наздашон биравам ва ғайри хоҳиш ба омода кардани ҳуҷҷатҳоям пардохтам. Хонаамро фурӯхтам, омодагии ҷиддӣ дидам. Аз миён хеле вақт гузашт, вале мутаассифона, хабар омад, ки писарам вафот кардааст. Дигар танҳои танҳо мондам. Намедонистам куҷо равам... Бо мадади дӯстон ба ин муассиса омадам ва инак 12 сол мешавад дар ин ҷоям.

Бибии Мунаввара ҳар хел либосҳои кӯдакона, ҷӯроб ва дигар чизҳо мебофад. Маҳсули дастонаш муштарӣ ҳам дорад, онҳо кам нестанд ва баъзан ба вай маҳсулоти хостаашонро фармоиш медиҳанд.

**«ДАР ИН ҶО ХАСТА НАМЕШАВЕМ, ЗЕРО РӮЗГОРИ ХУБ ДОРЕМ»**

Вақте ки ба назди ҳамсуҳбати дигарамон - Мизробҷон Васихов омадем, дар ҳуҷраашон чой менӯшиданд.

- Хаста набошед!

- Ташаккур, мо ин ҷо хаста намешавем, балки рӯзу рӯзгори хуб дорем...

Ӯ пас аз адои хизмати аскарӣ Техникуми сохтмониро ғоибона ба итмом расонд ва дар сохтмон ба кор даромад.

- Аввалин сохтмони нотамомам осоишгоҳи «Хоҷа Обигарм» буд. Дар сохтмони Маҷмааи давлатии «Кохи Борбад» низ саҳм дорам...

Аз замони даргириҳо ин тараф ба Федератсияи Россия мерафтаму меомадам. Ҳамсарам ва ду фарзандамро он ҷо мондам. Хуллас, то соли 2015 дар Федератсияи Россия будам. Аз сабаби хунукӣ устухонҳоям дард мекарданд. Духтурҳо тавсия доданд, ки дар минтақаи гарм зиндагӣ намоям. Аз ҳамон вақт ба Ватан баргаштам. Ҳамин тавр, ба ин муассиса омадам ва инак, 7 сол мешавад, ки ин ҷо зиндагӣ дорам.

- Рӯзҳо ин ҷо чӣ гуна мегузаранд?

- Бо ҳар кор. Ягон чизро таъмир мекунам, масалан, ин ҷевони ҳуҷраамро худам сохтаам. Шукр, китобхона ҳам дорем, каму беш ба мутолиа машғул мешавам, баъзан расм мекашам ва бо истиқоматкунандагони муассиса суҳбат мекунаму ба ҳавои тоза мебароям.

**«НИСБАТ БА ОМАДАНИ ОНҲО, РАФТАНИ МО ОСОНТАР АСТ»**

Дар роҳрав қадам мезадему роҳбалад дар бораи бошандагони муассиса маълумот медиҳад. Чун аз назди дари пӯшида гузаштем, гуфт:

- Дар муассиса нафароне ҳастанд, ки ба ҳамдигар меҳр баста, оиладор шудаанд. Масалан, як хона қафо Людмила Партика ва Сергей Тсубин маскунанд, ки дар ҳамин ҷо расман оиладор шудаанд.

Мо бо онҳо суҳбати дароз доштем. Людмила 62-сола буда, хатмкардаи Коллеҷи тиббӣ аст. Аз соли 2010 дар ин ҷо зиндагӣ мекунад. Аниқтараш, дар аввал модарашро, ки фалаҷ шуда буд, парасторӣ мекард. Пас аз сари модар дар ҳамин муассиса ба кор даромад ва чун вақти нафақа расид, ҳамчун маскун ба қайд гирифта шуд.

Соли 2014 бо Сергей ном истиқоматкунандаи ҳамин хона-интернат шинос шуда, оила барпо кард. Ҳар ду ҳам як писарӣ доранд ва онҳо дар Федератсияи Россия умр ба сар мебаранд.

- Инак, ҳашт сол мешавад, ки мо ҳамроҳ зиндагӣ карда истодаем. Рӯзгорамон хуб аст. Албатта, зиндагӣ бе камбудӣ намешавад, вале ба ҳар ҳол кӯшиш мекунем мушкиламонро худамон ҳал кунем. Бо аҳли хона-интернат муносибати хуб дорем. Ба хабаргирии пайвандонамон меравем, зеро аз омадани онҳо дида, рафтани мо осонтар аст, - хулоса кард Людмила Партика.

**«ДАР ИН ҶО ЗИЁД НАМЕМОНАМ»**

Дар охири роҳрав марди таҳамтане меистод. Фикр кардем, ки муҳофиз аст, вале яке аз роҳбаладон гуфт, ки ӯ Шарипов Ҳодихон ном дошта, истиқоматкунандаи муассиса мебошад.

- Хуш омадед ба муассисаи мо, - амаки Ҳодихон аввалин шуда, суханро оғоз кард ва моро ба ҳуҷрааш даъват намуд.

- Чанд вақт шуд, ки дар ин муассиса ҳастед ва умуман шароити зиндагӣ чӣ гуна аст?

- Агар дар хонаи худам ҳам мебудам, мисли ин ҷо шароит намедоштам. Наздики як сол мешавад, ки дар ин ҷо зиндагӣ дорам ва шукр ягон камбудӣ нест. Имсол ба 65 даромадам ва аз ин умр 20 солашро ба кори муҳофизӣ гузаронидам. Каме вазъи саломатиям бад шуд, хусусан пойҳоям азият доданд ва маҷбур шудам, ки ин ҷо биёям. Омадам, вале зиёд монданӣ нестам, шукр то ҳол қувваи корӣ дорам ва ният дорам ба ҳаёти пешинаам баргардам.

- Фарзандон нестанд?

- Мутаассифона, фарзанд надорам, вале хешу ақрабо хабаргирӣ меоянд.

**«АЗ ИН ҶО РАВАМ, ЗИҚ МЕШАВАМ»**

- Номи ин нафар Гулнора Бекметова, дар ин ҷо бо шавҳарашон Мурод Иминов зиндагӣ мекунанд. Ба мо чандин маротиба гуфтанд, ки агар назди фарзандонам равам, ин ҷоро ёд карда, зуд мехоҳам боз биёям, - роҳбалад бо табассум ба мо қаҳрамони навбатиро шиносонд.

Рӯзгори Гулнора Бекметова печ дар печ аст. Вай Коллеҷи муҳосибиро хатм карда, солҳои зиёд дар корхонаву ташкилотҳои гуногун то вазифаи сармуҳосиб хизмат намуда, дар Хоразм оиладор шудаст. Ҳашт сол он ҷо зиндагӣ карда, соҳиби чор фарзанд шуданд. Пас аз бемору дардманд шудан, ба нафақа баромаданд. Духтаронаш ҳоло оиладоранду писараш назди падар дар Хоразм.

Ҳоло бо шавҳараш ин ҷо зиндагӣ карда истодааст. Духтаронаш хабаргирӣ меоянд.

Ин ҳамсарон ҳар ду як беморӣ доранд: фишори хунашон якеро аз тарафи рост, дигареро аз тарафи чап осеб расондааст.

Бо вуҷуди ин, онҳо хушҳол ва аз зиндагиашон розианд.

**ҲАШТ СОЛ ФИДОИИ ФАРЗАНД**

Роҳбалад моро бо яке аз истиқоматкунандагони дигари ин муассиса шинос кард, ки Сабзагул Холова ном дошт.

Вай ҳашт сол боз дар ин муассиса бо духтари бемораш истиқомат мекунад. Аз касе гила надорад, ба касе шикоят намекунад, мубориза мебарад ва зиндагӣ мекунад.

- Апаи Сабзагул маълумоти олии иқтисодӣ дорад. Мутаассифона, духтараш баъди хатми риштаи ҳуқуқшиносӣ ба бемории асаб дучор шуд. Он ҳолат вайро маҷбур кард, ки ба ин ҷо омада, ӯро парасторӣ кунад. Ҳоло апаи Сабзагул вақти зиёдашро дар назди духтараш мегузаронад, - илова кард масъули хона-интернат.

Сабзагул Холоваро аввалан мушкили бехонагӣ, набудани марди хона ва бемории фарзанд ба ин даргоҳ овардааст. Вале бо вуҷуди зиндагии душвор, худашро ба по рост гирифтааст ва ҳамеша мубориза мебарад. Умед дорад, ки рӯзе ҳамааш хуб мешаваду аз ин ҷо бо фарзандаш меравад.

Илова бар ин, мавсуф барои беҳбудии будубош дар муассиса, хусусан корҳои занонаи хона-интернат, ёрӣ мерасонад.

**БА ҶОИ ХУЛОСА**

Муассисаи давлатии «Хона - интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Турсунзода» барои 230 нафар пирону маъюбон пешбинӣ шуда, соли 1972 ба истифода дода шудааст. Ҳоло дар он 171 нафар, (102 мард ва 69 зан) аз минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ зиндагӣ доранд. 70 нафари сокинони муассиса маъюби гурӯҳҳои якум, дуюм ва сеюманд. Синну соли истиқоматкунандагон аз 18-сола то 90-соларо ташкил медиҳад. Айни ҳол 79 тоҷик, 42 рус ва 50 нафар намояндагони миллатҳои дигар умр ба сар мебаранд.

Мо бо мусоидати раиси шаҳри Турсунзода Парвиз Акрамзода ва маъмурияти Муассисаи давлатии «Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Турсунзода» бо саргузашти даҳ истиқоматкунандаи он шинос шудем.

Маълум шуд, ки дар ин макон онҳо аз чизе танқисӣ намекашанд, хурду хӯрок, сарулибос, ҷои хоб, ҳамсуҳбатону ҳамҳуҷраҳои ба дил наздик доранд, вале аз меҳру муҳаббати пайвандону фарзандон бенасибанд. Ба онҳо меҳру муҳаббати самимии хешовандон намерасад. Бо вуҷуди ин миннатдоранд, ки Ҳукумати мамлакат, хоса Роҳбари давлат, онҳоро хор шудан намемонад.



**Ш. АБДУЛВОҲИДОВА,**
**Ҳ. ТОҲИРӢ, «Садои мардум»,**
**Душанбе-Турсунзода-Душанбе**

**ОБУНА - 2023**

**ХОНАНДАГОНИ АЗИЗ! ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ» - НАШРИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2023 ИДОМА ДОРАД.**

ТАВАССУТИ ОН «САДОИ МАРДУМ» БА ҲАР ХОНАДОНУ КОРГОҲИ КИШВАР РОҲ ЁФТА, ШУМОРО АЗ ТОЗАТАРИН ВА МУҲИМТАРИН НАВИДҲОИ ВАТАНИ АЗИЗ ВА БЕРУН АЗ ОН ХАБАРДОР МЕКУНАД.

**НАРХИ СОЛОНА БО ДАРНАЗАРДОШТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА ХИЗМАТРАСОНИИ МУАССИСАҲОИ АЛОҚАИ ПОЧТА, БАРОИ ЯК НУСХА 180 СОМОНӢ МУҚАРРАР ШУДААСТ.**

*Суроға: 734018, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16 (ошёнаи 6). Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рӯзномаи «Садои мардум»: с/ҳ 20202972701904102000; ҳ/м 20402972316264; БИК 350101626; РМА 030004877; Шуъбаи №2 БДА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе. Индекси обуна: 68852. Телефонҳо барои маълумот: 238-53-71, 238-53-49, 238-54-57.*

*Обуна дар идораи рӯзнома, муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳои кишвар қабул карда шуда, пешоҳангон, ҳамчунин, шахсони алоҳидае, ки бо идораи рӯзнома шартнома баста, дар ин кор саҳм мегиранд, қадрдонӣ мегарданд.*

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 411711 | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Бланкаи шаҳодатномаи суғуртаи иҷтимоӣ - нафақавӣ (СИН) ва плёнкаи рӯйпӯшкунанда | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 07.10.2022 08:30:00 |
| 2 | 411703 | Раёсати Хадамоти давлатии оташнишонии шаҳри Душанбе | Таъмир ва таҷдиди ҷории бинои маъмурии раёсат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 17.10.2022 16:00:00 |
| 3 | 411704 | Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагӣ, насоси обкашӣ, алафдаравак ва таҷҳизоти инвентарӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 19 | 17.10.2022 16:30:00 |
| 4 | 411705 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии кӯчаи ба номи «15-солагии Истиқлолият» дар шаҳри Хуҷанд. Марҳилаи якум (гузоштани фарши асфалтобетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 5750 м$^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 17.10.2022 16:30:00 |
| 5 | 411706 | Корхонаи давлатии коммуналии «Идораи сохтмони асосӣ»-и шаҳри Хуҷанд | Азнавбарқарорсозии «Боғчаи бачагонаи №9» барои 400 ҷой дар шаҳри Хуҷанд (корҳои лоиҳавӣ, муҳандисӣ - геологӣ, топографӣ - геодезӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизмат-расонӣ | 1 | 17.10.2022 16:30:00 |
| 6 | 411707 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд» дар шаҳри Хуҷанд (идомаи корҳои сохтмонӣ: ҳавлии дуредгар дар қисмати маҳаллаи қадимаи шаҳри Хуҷанд, сохтмони ҳавлии №8) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 17.10.2022 16:30:00 |
| 7 | 411708 | Корхонаи давлатии коммуналии «Идораи сохтмони асосӣ»-и шаҳри Хуҷанд | Азнавбарқарорсозии «Боғчаи бачагонаи №18» дар шаҳри Хуҷанд (корҳои барқтаъминкунӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 17.10.2022 16:30:00 |
| 8 | 411709 | Бахши ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Мастчоҳ | Ниҳол ва гулҳои мавсимӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 17.10.2022 16:30:00 |
| 9 | 411710 | Муассисаи давлатии «Маркази беморхонаи дил ва ҷарроҳии дилу рагҳо» дар вилояти Суғд | Таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 17.10.2022 16:35:00 |
| 10 | 411712 | Бонки миллии Тоҷикистон | Корҳои таъмирӣ дар бинои маъмурии бонк | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.10.2022 09:00:00 |
| 11 | 411713 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 1-и ноҳияи Файзобод | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.10.2022 10:20:00 |
| 12 | 411715 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №6»-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.10.2022 11:55:00 |
| 13 | 411590 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии «Роғун» | Наклиёти тамғаи «Toyota Hilux» (комплектатсияи M1) GUN 125L-DTFLX | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 18.10.2022 13:00:00 |
| 14 | 411716 | Хадамоти давлатӣ оид ба назорат дар соҳаи энергетика | Таъмири ҷорӣ дар саҳни ҳавлии бинои хадамот | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.10.2022 13:30:00 |
| 15 | 411731 | Беморхонаи марказии ноҳияи Шаҳринав | Хӯроквори | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 16 | 18.10.2022 13:31:43 |
| 16 | 411732 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №142 | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 18.10.2022 13:40:43 |
| 17 | 411730 | Маҷмааи давлатиии «Қасри миллат»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷҳизот, молҳои хоҷагидорӣ, нуриҳои минералӣ, инвентари нарм ва либосҳои корӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 49 | 18.10.2022 13:50:18 |
| 18 | 411733 | Муассисаи давлатии ободонӣ ва кабудизоркунии назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор | Молҳои нарм, электрикӣ, хоҷагӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 15 | 18.10.2022 13:50:51 |
| 19 | 411734 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №124» | Рахти хоб, молҳои канселярӣ, хоҷагӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 17 | 18.10.2022 14:00:01 |
| 20 | 411717 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони хонаи истиқоматии 9-ошёнагии 45-ҳуҷрадор дар маҳаллаи 8-уми шаҳри Хуҷанд (насби лифт) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.10.2022 14:25:25 |
| 21 | 411718 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Боғи фарҳангию фароғатӣ дар назди Муассисаи давлатии вилоятии «Қасри маданияти Арбоб» дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (идомаи корҳои ободонӣ: тайёр кардани хок дар ҳаҷми 1190 м$^2$ ва шинонидани гулҳои бисёрсола - 20000 адад хризантема ва нигоҳубини онҳо) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.10.2022 14:25:25 |
| 22 | 411719 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии роҳи кӯчаи даромадгоҳ ба идораи ҲҲДТ дар шаҳри Конибодом ва саҳни Беморхонаи марказии шаҳри Конибодом (гузоштани фарши асфалтубетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 2177 м$^2$), (гузоштани фарши асфалтубетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат: 890 м$^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.10.2022 14:25:25 |
| 23 | 411720 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии кӯчаи ба номи Камоли Хуҷандӣ дар шаҳри Конибодом. Марҳилаи якум (гузоштани фарши асфалтубетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 5200 м$^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.10.2022 14:25:25 |
| 24 | 411721 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии кӯчаи 8-уми март дар шаҳри Конибодом. Марҳилаи дуюм (гузоштани фарши асфалтубетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 1370 м$^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.10.2022 14:25:25 |
| 25 | 411722 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии қитъаи роҳи кӯчаи 60-солагии Октябр ва даромадгоҳи «Таваллудхонаи шаҳрӣ» дар шаҳри Хуҷанд. Марҳилаи дуюм (гузоштани фарши асфалтубетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 1415 м$^2$), (гузоштани фарши асфалтубетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 2785 м$^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.10.2022 14:25:25 |
| 26 | 411723 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии кӯчаи 15-солагии Истиқлолият дар шаҳри Хуҷанд. Марҳилаи дуюм (гузоштани фарши асфалтубетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 5850 м$^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.10.2022 14:25:25 |
| 27 | 411724 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Корҳои мумфаршкунии атрофи иншооти «Сохтмони хонаи истиқоматии 9-ошёнагии 45 ҳуҷрадор» дар маҳаллаи 8-уми шаҳри Хуҷанд (гузоштани фарши асфалтубетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 1678 м$^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.10.2022 14:25:25 |
| 28 | 411725 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии Қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд» дар шаҳри Хуҷанд (корҳои сохтмонии бинои осорхона, корҳои ороиши намои бино ва паркети фарши толори №2) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.10.2022 14:25:25 |
| 29 | 411726 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои иловагӣ дар «Маркази саратоншиносӣ»-и вилояти Суғд (идомаи корҳои сохтмонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.10.2022 14:25:25 |
| 30 | 411727 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бино дар назди Муассисаи давлатии «Мактаби махсуси варзишӣ оид ба намудҳои камонварӣ»-и вилояти Суғд (идомаи корҳои сохтмонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.10.2022 14:25:25 |
| 31 | 411728 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Хизматрасонӣ оид ба таъмини ҷои зисти меҳмонон бо хӯроки наҳорӣ барои 44 нафар (ҳамагӣ 186 шабонарӯз) дар ҳудуди шаҳри Хуҷанд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизмат-расонӣ | 1 | 18.10.2022 14:25:25 |
| 32 | 411729 | Идораи телевизион ва радиои вилояти Суғд | Хариди монитор ва видеомикшер | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 18.10.2022 14:25:25 |
| 33 | 411736 | Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» | Таъмири ҷории системаи оташхомӯшкунии муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.10.2022 14:30:00 |
| 34 | 411735 | Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Курсиҳои мулоим, рахти хоб, молҳои хоҷагидорӣ ва сантехникӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 16 | 18.10.2022 14:30:17 |
| 35 | 411738 | Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон | Оргтехника, техникаи маишӣ, мебел ва таҷҳизоти лабораторӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 14 | 18.10.2022 14:40:00 |
| 36 | 411739 | Беморхонаи ноҳиявии №1-и Ҷамоати деҳоти «Хистеварз» | Таъмири бом ва шуъбаи эҳёи беморхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.10.2022 14:40:00 |
| 37 | 411741 | Муассисаи давлатии тандурустии «Таваллудхонаи вилояти Суғд» | Хӯроквори | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 18 | 18.10.2022 14:50:00 |
| 38 | 411742 | Шуъбаи фарҳанги шаҳри Ваҳдат | Идомаи сохтмони бинои «Қасри фарҳанг»-и шаҳри Ваҳдат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.10.2022 14:50:00 |
| 39 | 411740 | Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Моҳичаҳои майда | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 18.10.2022 14:50:18 |
| 40 | 411743 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | Таҷҳизоти акустикӣ, системаи камераҳои назоратӣ, мини-АТС ва кортҳои васеъ барои он, телефон, роутер ва дискҳои дурушт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 14 | 18.10.2022 14:55:00 |
| 41 | 411737 | Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ ва картриҷ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 36 | 18.10.2022 15:00:00 |
| 42 | 411745 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Сохтмони бинои маъмурии «Шабакаҳои барқ»-и ноҳияи Лахш | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.10.2022 15:00:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни «Сана ва вақти кушодани лифофаҳо» муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

## ПРИГЛАШЕНИЕ НА ПОДАЧУ КОТИРОВОК

### Реабилитация 264 учреждений ПМСП

**Название проекта:** Проект раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала

Республика Таджикистан получило грантовое финансирование со стороны Всемирного банка для покрытия расходов Проекта «Раннее развитее детей для наращивания человеческого потенциала в Таджикистане» и намерена использовать часть средств на реабилитацию учреждений ПМСП.

Исходя из вышесказанного ГРП МФ РТ проводит тендера по ниже заявленным пакетам и любезно просит заинтересованные компании/фирмы предоставить свои котировки на:

**1. Пакет 27 - Реабилитация учреждений ПМСП район Джайхун-Дусти;**

**2. Пакет 28 - Реабилитация учреждений ПМСП город Гиссар.**

При подготовке коммерческого предложения фирмы должны руководствоваться прилагаемой формой, которую можно получить по указанному ниже адресу или по электронной почте с 9$^{00}$ до 15$^{00}$ по местному времени.

Котировки и другая дополнительная информация должны быть представлены по электронной почте или в печатном виде по указанному ниже адресу до 15$^{00}$, 11 октября 2022 года.

**Министерство финансов Республики Таджикистан,**
**ул. Шероз 35, 7 этаж, Душанбе.**
**(Офис ГРП РРД МФ РТ в здании МФ)**
**E-Mail: jobs.info@ecdp.tj Тел: (37) 221-06-91.**

## ПРОДЛЕНИЕ
## ЗАПРОС НА ВЫРАЖЕНИЕ ЗАИНТЕРЕСОВАННОСТИ (КОНСАЛТИНГОВЫЕ УСЛУГИ – ПОДБОР ФИРМ)

**Проект:** Проект по усовершенствованию управления водными ресурсами и ирригацией и в Таджикистане
**Грант № :** IDA TF073815
**Название задания:** Подготовка технико-экономического обоснования и проектно-сметной документации на реабилитацию Дангаринского ирригационного туннеля и Бешкентского гидроузла.
**Номер ссылки:** SWIM-CS-QCBS-02

Выражение заинтересованности , который был опубликован в газете «Садои мардум» от 09.09.2022 дата последнего дня предоставление ВЗ переносится с 21 сентября 2022 г., на 10.10.2022 года 17$^{00}$ (время местное ).

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Дипломи силсилаи ИВ № 965105 таҳти феҳристи 342-и гумшуда, ки онро Институти политехникии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ) соли 1982 ба Бурхонов Набишо Алишоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ДТО № 0206656-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) соли 1999 ба Одинаев Суҳроб Раҳматшоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии таҳти ҳисоби техникии 3665-и гумшуда, ки онро КФБТ-и ноҳияи Рӯдакӣ моҳи июни соли 2013 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Гулистон, деҳаи Сабзикор, ҳавлии №472 ба Сафаров Зоиршо Ғуломович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии таҳти феҳристи 4186-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе моҳи апрели соли 2004 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Фузулӣ 22 ба мағозаи хӯрокворӣи «Эҳсонҷон» додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматии гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе таҳти феҳристи 8Д №12582 аз 23 сентябри соли 1992 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Нусратулло Махсум, бинои 85/3, ҳуҷраи 14 ба Шарипова Наталья Набиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-ШТУ № 0958277-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №24-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2021 ба Давлатзода Муҳаммад додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии № 0264782 бо РЯМ 0410024615-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 28 ноябри соли 2013 ба ҶДММ «Олим К» додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии ҷудогонаи таҳти феҳристи 68-011-000503-01-045 –и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 15 сентябри соли 2022 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Б. Ғафуров, ҳуҷраи 45 ба ҶДММ «Себистон-2018» додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти № 0042917 бо РЯМ 1330008616-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Тоҷикобод 8 марти соли 2014 ба Мирзоев Садурдин Маҳмадҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда бо РЯМ 1330018773, ки онро Нозироти андози ноҳияи Тоҷикобод 23 июни соли 2020 ба Сафаров Ҷомӣ Олимович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда, ки онро Муассисаи давлатии «Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» соли 2021 ба Пиров Миршакар Маҳмадҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ва оинномаи гумшудаи ташкилоти ҷамъиятии «Кумитаи волидайн ва омӯзгорони мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №2»-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, эътибор надоранд.

✓ Шаҳодатномаи хатми таҳсилоти миёнаи нопурраи силсилаи А311242-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №13-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 1989 ба Ҳамидова Мавлуда Эсоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи силсилаи А 02739795-и гумшуда, ки онро ШМД Навобод ШВКД -1 дар ноҳияи Рӯдакӣ 30 ноябри соли 2019 ба Тағойбекова Аниса Шарафҷоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов соли 2020 ба Исмоилов Маъруфҷон Бахруллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Хазина 1» таҳти № 0145774 бо РЯМ 0910005544-и гумшуда ва Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ бо РМА 090000315-и гумшуда, ки онҳоро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 7 марти соли 2011 ба ҶДММ «Хазина 1» додааст, эътибор надоранд.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидорӣ бо ҳисоби техникии 6896-и гумшуда, ки онро КФБТ-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2013 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Россия, деҳаи Қӯштеппа 2 ба Шукуров Исмоил додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонуни силсилаи ДШ №0048968 таҳти феҳристи 7М-90-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 1 марти соли 2011 бо суроғаи ноҳияи Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Навобод, деҳаи Ҳуҷум ба Неъматова Гулрухсор Исломидиновна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши қисми манзили истиқоматии силсилаи ХТ №0855559-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Кӯлоб 11 июни соли 2021 бо суроғаи ноҳияи Восеъ, Ҷамоати деҳоти Миралӣ Маҳмадалиев, деҳаи Заркамар ба Шеравгани Асомиддин додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-АТУ №0362341-и гумшуда, ки онро муассисаи таълимии «Литсей - интернати президентӣ барои кӯдакони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон» соли 2017 ба Тошев Тоҳир Темурович додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Сомон 2009 Тоҷикистон», дорои РМА 030021015, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ташкилоти ҷамъиятии «Кумитаи волидайн ва омӯзгорони мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №2-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №38 аз 21 июни соли 2007 ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои МАРДУМ
Конститутсия - кафолати ҳуқуқи ҷомеаи давлатсозӣ ва волоияти қонун

**САРМУҲАРРИР**
*АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло*

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

**ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:** *Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неққадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97*

*Ба чопаш 28 сентябри соли 2022, соати 16:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33460 нусха*

**Навбатдори шумора** Ҳ. Тоҳирӣ

**Тарроҳони компютерӣ** Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров